**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 августа соли 2006, № 362**
**тасдиқ шудааст**

# Барномаи
# ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
# барои солҳои 2010-2015

| Номи Барнома | Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 |
|---|---|
| Асос барои таҳияи Барнома | Накшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, № 362 тасдиқ шудааст |
| Фармоишгари давлатии Барнома | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Иҷрокунандагони асосии Барнома | Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии |
| Таҳиягарони Барнома | Комиссияи байниидоравӣ оид ба омода кардани Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, ки бо қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2008, №118 таъсис дода шудааст |
| Мӯҳлати амалишавии Барнома | Солҳои 2010-2015 |
| Мақсад ва вазифаҳои Барнома | Мақсади Барнома коркард ва иҷро намудани чорабиниҳо доир ба рушди ҳамгироии илмҳои академӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дастгирии таҳқиқотии илмии муштарак, баланд бардоштани сифати таҳсилот, ҳифз ва равнақ додани неруи илмию техникии мамлакат мебошад. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои Барнома ҳал кардани маҷмуи вазифаҳо оид ба таъмини иштироки якҷояи кормандони соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ дар тайёр кардани кадрҳои тахассуси олӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар назар аст |

| | |
|---|---|
| Самтҳои асосии татбиқи Барнома | Ташкил ва рушди таҳқиқоти илмӣ, ки якчоя аз тарафи олимони муассисахои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ иҷро карда мешаванд. Ҳамгироии илм бо раванди таҳсилот дар муассисаҳои тахсилоти олӣ. Рушди заминаи моддию техникӣ ва таҷрибавӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва тайёр кардани кадрҳои тахассуси олӣ. Рушди заминаи иттилоотии таҳқиқотӣ илмӣ ва равандҳои таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ. Ҷалби ҷавонон ба соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва фаъолияти инноватсионӣ |
| Натиҷаҳои чашмдошт аз татбиқи Барнома | Чорабиниҳо ҷиҳати ба вуҷуд овардани низоми самарабахши рушди ҳамгироёнаи илм ва таҳсилоти олӣ дар мамлакат иҷро карда мешаванд. Натиҷаҳои нави илмӣ ва илмию техникие ба даст оварда мешаванд, ки ба ҳалли вазифаҳои афзалиятдоштаи рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат имкон медиханд. Низоми муосири тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи илм ва маориф, ки имкони гузаронидани ислоҳоти инноватсионӣ дорад, ташкил карда мешавад. Чорабиниҳои иҷрошуда ба баланд гардидани сатҳи неруи ақлонӣ ва илмию техникии мамлакат |
| Таъминоти молиявии татбиқи Барнома | Манбаи асосии таъминоти захиравии татбқи Барнома маблағгузории буҷетии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба соҳаҳои «Илм» ва «Маориф» ҷудо карда мешавад. Барои иҷрои чорабиниҳои Барномаҷамӯи ин манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои ташкилоту фондҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ, сарпарастон ва манбаъҳои дигар низ ҷалб карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои дурнамо ва мақсадноки харҷи молиявӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ зимни коркарди чорабиниҳои алоҳидаи Барнома муайян |
| Идоракунии татбиқи Барнома ва назорати рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома | Идоракунии татбиқи Барнома ва рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома ба зиммаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад |

## 1. Тавзеҳи зарурати қабули Барнома

Барномаи хамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 (минбаъд - Барнома) тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006 № 362 тасдиқ; шудааст, таҳия гардидааст.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба равнақ додани ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ як зумра чорабиниҳо қабул гардиданд. Яке аз вазифаҳои Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 маҳз тақвият додани хамгироии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ба вуҷуд овардани шароит барои гузаронидани таҳқиқоти муштараки илмӣ ва коркарди технологияҳои нав дар сатҳи муосири илмию методӣ, бо максад ва самараноктар гардонидани низоми тайёр кардани мутахассисони ҷавон мебошад. Таҳияи чорабиниҳо доир ба тақвияти ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ ҳамчунин дар Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008 низ пешбинӣ гардида, яке аз вазифаҳои Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон таҷрибаи хаматарафаи фаъолияти якҷояи муассисахои илмӣ ва муассисахои таҳсилоти олӣ доир ба ҳалли масъалаҳои муҳими илмӣ ва илмию техникӣ, коркарди технологияхои нав, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи иқтисодиёт, фарҳанг ва маориф ва ҳамчунин доир ба тайёр кардани мутахассисони тахассуси олӣ андухта шудааст. Масалан, ҳамкории Донишгохи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино бо марказхои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои табобатии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳои тиббӣ ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба таври самарабахш ба роҳ монда шудааст. Фаъолияти Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табиатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диққатҷалбкунанда аст, ки дар он дар баробари кормандони донишгоҳ, хамчунин олимони намоёни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - мутахассисон дар соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ низ кор мекунанд ва аспиранту донишҷӯёни факултаҳои табиатшиносии донишгоҳ имкон доранд, ки корҳои илмиро таҳти роҳбарии олимони донишгоҳ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронанд.

Дар баробари ин, эътироф кардан мебояд, ки дар мамлакат ҳоло ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар сатҳи зарури ба роҳ, монда нашудааст. Сатҳи хамкориҳои неруҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисахои таҳсилоти олӣ ба мақсади тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ ва мутахассисон ҳоло ба талаботи замон ҷавобгуй намебошад ва ин ба рушди илм, сифати таҳсилот ва ниҳоят ба ташаккули неруи ақлонии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад. Сифати на он қадар хуби тайёр кардани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ боиси қафомондагӣ дар таҳия ва аз худ кардани технологияҳои

пешрафтаи рақобатпазир ва суст шудани суръати рушди иҷтимоию иктисодии мамлакат гардида метавонад.

Илм ва маориф байни ҳам алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра мегардонанд - илм дар бораи қонуниятҳо дар рушди табиат ва ҷамъият донишҳои нав ба даст меорад ва заминаи фаъолияти таҳсилоти мебошад, низоми маориф бошад - барои илм мутахассисҳо тайёр менамояд. Бинобар ин бе ҳамгироии самараноки илм ва маориф рушди неруи илмию техникӣ ва кадрии мамлакат имкон надорад. Вобаста бо ин, мақсади Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 таҳия ва иҷрои чорабиниҳо чиҳати ба вуҷуд овардани низоми самарабахши рушди ҳамгироёнаи илм ва маориф дар Тоҷикистон мебошад. Мутобиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2035 ин Барнома бояд кисми таркибии маҷмуи чорабиниҳо доир ба дастгирӣ ва рушди асоси неруи ақлонӣ ва илмию техникии мамлакат - илм ва мактаби олӣ гардад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

Мақсади Барнома таҳия ва иҷро намудани маҷмуи чорабиниҳо доир ба рушди ҳамгироии илмҳои академӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дастгирии таҳқиқотии илмии муштарак, баланд бардоштани сифати тахсилот, ҳифз ва равнақ додани неруи илмию техникии мамлакат, истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ ва кадрӣ мебошад.

Барои муваффақ. гардидан ба мақсадҳои Барнома иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

-таъмини дастгирии таҳқиқотии илмии муштарак, ки аз тарафи олимони муассисахои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ иҷро карда мешаванд;

-такмили ҳамгироии илм бо раванди таҳсилот дар муассисаҳоитаҳсилоти олӣ ;

-қабули чораҳо доир ба рушди заминаи таҷрибавӣ ва иттилоотӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва такмили раванди таълим дар муассисаҳоитаҳсилоти олӣ ;

-қабули чораҳо оид ба ҷалби ҷавонон ба соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;

- ба вуҷуд овардани заминаи меъёрии хуқуқии фаъолияти сохторҳои ҳамгиросозанда (интегратсионӣ).

## 3. Самтҳои асосии татбиқи Барнома

### 1. Ташкил ва рушди таҳқиқоти илмӣ, ки олимони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ якҷоя мегузаронанд

Дар институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат мактабҳои илмӣ ташаккул ёфта, мавзӯҳои таҳқиқот дар аксари соҳаҳои илм муайян карда шудаанд. Таҷрибаи ҳамгироии бахшҳои академӣ, соҳавӣ ва таҳсилотии илм дар гузаронидани таҳқиқоти муштараки бунёдӣ, ба вучуд овардан ва татбиқ намудани технология ва маводи нав, доруҳои табобатӣ ва усулҳои самарабахши табобати беморон, офаридани навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ ва зотҳои нави ҳайвонот андухта шудааст. Таҳқиқоти муштараки олимони Академиям илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба таърих, бостоншиносӣ, забон ва адабиёт, фалсафа, шарқшиносӣ ва самтҳои дигари илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ (гуманитарӣ) дар рушди илми ватанӣ нақши муҳим бозиданд.

Вале таҷрибаи мавҷудаи ҳамгироии бахшҳои академӣ, соҳавӣ ва таҳсилоти илм доир ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва таҳия технологияҳои рақобатпазир ҳоло дар сатҳи зарурӣ ҷавобгуи талаботи муосири рушди ҷомеа намебошад ва қудрати таъмини гузариш ба роҳи рушди инноватсионии илм ва технологияро надорад.

Яке аз камбудиҳо дар рушди неруи илмӣ ва илмию техникии мамлакат ҷудоии мавҷуда байни илми академӣ ва илми таҳсилотӣ мебошад. Дар ин роҳ монеаҳои байниидоравӣ эҳсос мешаванд. Ҳамаи ин ба истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ ва кадрӣ оварда мерасонад. Ҳифз ва равнақ додани мактабҳои илмӣ ва гузаронидани таҳқиқот дар сатҳи муосири илмию методӣ бе ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ амалан ғайриимкон мегардад.

Во назардошти ин мулоҳизаҳо, дар Барнома таҳия ва иҷрои як қатор чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд, ки мақсади онҳо дастгирӣ ва рушди таҳқиқи муштараки олимони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисахои таҳсилоти олӣ мебошад.

Бо иштироки муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии академӣ ва соҳавӣ ва таҳсилоти таҳия ва иҷро намудани барномаҳои мақсадноки комплексӣ оид ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, ки номгуи онҳо дар Стратегияи "Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 омадааст, ба нақша гирифта шудааст.

Зарур аст, ки чиҳати мутамарказ гардонидани неруи илмии ҳамаи бахшҳои илм барои ба вучуд овардани технологияҳои рақобатпазир, ки номгуи онҳо дар Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва

технология барои солҳои 2007-2015 омадааст ва дар солҳои оянда то соли 2015 дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо чораҳо андешида шаванд.

Таклифҳо доир ба пешниҳоди лоиҳаҳои муштараки илмӣ ба озмун дар Маркази байналмилалии илмию техникӣ ва дар ташкилоту фондҳои дигари байналмилалӣ ва хориҷӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Дар солҳои наздик доир намудани чорабиниҳои омодагӣ барои давра ба давра ба роҳи нниоватсионии рушд гузаронидани илм ва равандҳои ба вуҷуд овардани технологияҳо ва ташаккули сохторҳои инноватсионӣ ба назар гирифта мешавад.

Тартиб додани нақшаи дурнамои нашри асарҳои илмӣ барои солҳои 2010-2015 пешбинӣ мегардад, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти муштараки илмии олимони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқоти ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷамъбаст карда мешаванд.

Нақшаи дурнамои гузаронидани конференсияҳои илмӣ ва илмию амалӣ, семинарҳо, машваратҳо барои солҳои 2010-2015 дар самтҳои муҳими илми бунёдӣ ва амалӣ ва рушди инноватсионии илм омода карда мешавад.

**2. Ҳамгироии илм бо раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ**

Дар айни замон иштироки олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳо ва марказҳои дигари илмию таҳқиқотӣ дар фаъолияти таҳсилоти дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар он зохир мегардад, ки баъзе аз онҳо дар як вақт дар чанд муассиса кор карда, ба фаъолияти илмию омузгорӣ машғул мебошанд, курси лексияҳо мехонанд, роҳбарони илмии аспирантҳо мебошанд. Бисёре аз олимони институтҳои академӣ аъзои шуроҳои олимон ва шуроҳои диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошанд. Як зумра олимони муассисаҳои академӣ, соҳавӣ ва илмӣ муаллифони китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ мебошанд.

Яке аз вазифаҳои Барнома мустаҳкам кардани ҳамбастагии илм бо раванди таҳсилот дар сатҳи сифатан нав мебошад. Ҷиҳати ба вуҷуд овардани низоми дуруст ва самарабахши ҳамбастагии илм бо раванди таҳсилот дар мактабҳои олӣ таҳия ва дар ҳаёт татбиқ намудани як қатор чорабиниҳо пешбинӣ мегардад.

Омода кардани пешниҳод оид ба таъсиси бахшҳои кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар институтҳои академӣ ва марказҳои дигари илмӣ ба нақша гирифта мешавад, ки он ба ҳамгироии фаъолияти илмӣ ва раванди таҳсилот мусоидат менамояд. Дар бахшҳои кафедраҳо донишҷуён таҷрибаомузӣ мекунанд, корҳои дипломӣ иҷро менамоянд ва ҳамчунин муҳаққиқони коромӯз ва аспирантон тайёр карда мешаванд. Ба онҳо имкон фароҳам оварда мешавад, ки дар коллективи илмӣ кор кунанд ва дар таҳқикоти илмӣ иштирок намоянд.

Шаклҳои дигари ҳамгироии байнисохавии илм ва тахсилоти олӣ инҳо буда метавонанд: институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз қабили Институти илмӣ-таҳқиқотии илмхои табиатшиносӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти илмӣ-таҳқиқотии биотехнология дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон маҷмуаҳо ва марказҳои илмию таълимӣ ва илмию таҳсилотӣ, ассотсиатсияҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратии таҳсилотӣ, илмӣ ва муҳандисию конструкториро муттаҳид мекунанд; марказҳои илмию таҳсилотии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; марказҳо ва маҷмуаҳои муштараке, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғул мебошанд. Дар Барнома омода кардани пешниҳод оид ба таъсиси чунин сохторҳои ҳамгироии байнисоҳавии илм пешбинӣ гардидааст.

Минбаъд шакли эътирофшудаи ҳамгироии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, чун ҷалби олимони муассисаҳои академӣ ва муассисаҳои дигари илмӣ барои кори омузгорӣ дар муассисахои таҳсилоти олӣ рушд хоҳад кард. Коркарди чорабиниҳое дар назар аст, ки ҷалби ҳарчи бештари олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотиро барои таҳия, тарҷума ва нашри китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, ки дастовардҳои нави илмӣ ҷаҳонӣ ва ватаниро фаро гирифтаанд, таҳияи барномаҳои муосири таҳсилотӣ, ки хамкорӣ ва ҳамбастагии донишҳои табиатшиносӣ ва инсоншиносӣ ва зарурати васеъ кардани чаҳонбинии донишҷӯён дар чунин соҳаҳои илм, ба монанди фалсафа, мантиқ, сотсиологияро ба эътибор мегиранд.

Табиист, ки дар раванди ташаккул ва фаъолияти сохторҳои ҳамгиросоз масъалаҳои хусусияти меъёрии ҳуқуқидошта ба миён меоянд, ки зарурат ба баррасӣ ва ҳал доранд.

### 3. Рушди заминаи моддию техникӣ ва таҷрибавӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва тайёр кардани кадрҳои тахассуси олӣ

Рушди илми муосир ва мактаби оли бе таҳкими заминаи моддию техникӣ ва таҷрибавӣ имкон надорад. Муҳиммияти ин масъала хусусан дар солҳои охир эҳсос мешавад, вақте ки арзиши сохтмони биноҳои махсуси барои таҳқиқоти илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъинтардида ва арзиши дастгоҳу асбобҳои муосири илмӣ, реактивҳо ва маводи гуногун хеле афзун гардидааст.

Бинобар ин, яке аз вазифаҳои Барнома таҳияи чорабиниҳо оид ба истифодаи муштарак ва самараноки заминаи моддию техникӣ ва таҷҳизоти илмии мавҷуда дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шумор меравад.

Дар баробари ин, барои таҳкими заминаи таҷрибавии муассисаҳои илмӣ истифодаи манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, пеш аз ҳама аз ҳисоби иҷрои лоиҳаҳо бо дастгирии молиявии Маркази байналмилалии илмию техникӣ ва ташкилоту фондҳои дигари байналмилалӣ ва хориҷӣ зарур аст.

Дар Барнома чорабиниҳо оид ба дастгирии фаъолияти марказҳои нодири илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар **овдо** олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат якҷоя бо олимон ва мутахассисони хориҷӣ кор мекунанд, аз ҷумла, Маркази байналмилалии илмӣ-таҳқиқотии «Помир-Чақалтой», Расадхонаи байналмилалии «Помир» дохил карда шудаанд.

## 4. Рушди заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмӣ ва равандҳои таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ

Дар солҳои охир дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат заминаи иттилоотии гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти таҳсилоти ба таври назаррас таҳким ва рушд меёбад. Дар равандҳои илмию таҳсилоти технологияҳои муосири иттилооти хеле зиёд истифода мешаванд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мутахассисони технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони тайёр карда мешаванд. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст карда шудаанд, марказҳо ва синфҳои компютерӣ, китобхонаҳои электронӣ ва махзанҳои маълумот таъсис дода мешаванд, ки ин низоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, таълимӣ донишҷуён, тайёр кардани мутахассисонро хеле тағйир дода, барои дастрасӣ ба иттилооти илмӣ ва таҳсилоти роҳи васеъ мекушояд.

Ин навовариҳоро чун оғози марҳилаи нав дар рушд ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатисионӣ дар амалияи илмӣ ва раванди таҳсилот баррасӣ кардан мумкин аст. Ин самти фаъолияти илмию техникӣ бо суръати хеле зиёд рушд мекунад. Бинобар ин андешидани чораҳо ҷихати таҳкими минбаъдаи заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмӣ ва раванди таҳсилот, тайёр кардани мутахассисони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ хеле муҳим аст.

Барнома иҷрои маҷмуи чорабиниҳоро оид ба шабакаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ, таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар равандҳои илмӣ ва таълимӣ дар асоси ба вучуд овардани заминаи иттилооти барои соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои итилоотию коммуникатсионӣ пешбинӣ менамояд.

Чорабиниҳо оид ба дастгирии заминаи маъмулии иттилоотии илм ва таҳсилоти олӣ - нашри адабиёти илмӣ ва таълимӣ, пурра кардани китобхонаҳо бо нашрияҳои нав, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, мубодилаи хуби байни китобхонахо, ташкили обуна ба маҷаллаҳои илмӣ ва таҳсилоти иҷро карда мешаванд.

## 5. Ҷалби ҷавонон ба соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва фаъолияти инноватсионӣ

Барнома, мақсади он, мазмун, натиҷаҳое, ки дар раванди иҷрои чорабиниҳои пешбинигардида ба даст меоянд ва аҳамияти онҳо барои рушди неруи ақлонии ҷомеа, бояд ҷавононро ба соҳаи илм, маориф ва

фаъолияти инноватсионӣ ҷалб намуда, ба баландшавии эътибори фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгорӣ мусоидат намоянд.

Гузаронидани таҳқиқоти муштараки илмӣ бо истифодаи заминаи илмӣ-техникии институтҳои Академиям илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ, иштироки олимопи намоён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои таълим ва тарбияи олимон ва мутахассисони ҷавон шароити мусоид ба вуҷуд меоранд. Донишҷӯён, аспирантон, омӯзгорони ҷавон ба раванди эҷодиёти илмӣ мақсаднок ҷалб карда шуда, дар кори коллективнии илмӣ иштирок мекунанд, мустақилона ба кори илмӣ тайёр мешаванд ва самти фаъолияти минбаъдаи илмии худро муайян менамоянд.

Дар раванди илмию таҳсилоти таваҷҷуҳи махсус ба ҷиҳатҳои инноватсионии рушди илм ва ба вуҷуд овардани технологияҳо ба мақсади тайёр кардани муҳандисон, технологҳо, конструкторҳо, ки тавонанд дар сатҳи баланди касбӣ ба фаъолияти инноватсионию соҳибкорӣ машғул шаванд, дода мешавад.

Чорабиниҳои Барнома ба фароҳам овардани шароити мусоид "барои таҳсили донишчуён, тайёр кардани кормандон ва мутахассисони чавони илмӣ, дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни эҷодиёти илмию тсхникии ҷавонон равона карда шудаанд.

Гузаронидани озмунҳо, мактабҳо ва конференсияҳои илмӣ барои донишҷуён, аспирантон, омузгорони ҷавон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ ба нақша гирифта мешавад. Муҳақиқон ва омузгорони ҷавон омодагии махсусро барои коромузӣ дар марказхои илмӣ, таҳсилотӣ ва техникии давлатҳои дигар, барои иштирок дар мактабҳо ва конференсияҳои илмӣ мегузаранд.

## 4. Таъминоти молиявии татбиқи Барнома

Манбаи асосии таъминоти захиравии татбиқи Барнома маблағгузории буҷетии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар соҳаҳои «Илм» ва «Маориф» ҷудо карда мешавад. Ҳамчунин истифодаи маблағҳои молиявие низ дар назар аст, ки ҳукумати мамлакат метавонад ба таври иловагӣ бо таъиноти мақсаднок барои иҷрои лоиҳаву барномаҳои барои иқтисодиёт, маориф ва фарҳанг аҳамияти мухимдошта ҷудо намояд.

Барои иҷрои чорабиниҳои Барнома ҳамчунин манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои ташкилоту фондҳои байнналмилалӣ ва хориҷӣ, сарпарастон ва манбаъҳои дигар низ ҷалб карда мешаванд, агар ҷудо кардан ва истифодаи ин маблағҳо хилофи конунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад.

Нишондиҳандаҳои дурнамо ва мақсадноки харҷи молиявӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ зимни коркарди чорабиниҳои алоҳидаи Барнома муайян карда мешаванд. Ҳаҷми маблағгузориҳои чорабиниҳои Барнома вобаста ба имкониятхои буҷети давлатӣ, воридоти воқеии маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва аниқ кардани талабот ба хароҷоти молиявӣ тағйир дода мешаванд.

## 5. Идоракунии татбиқи Барнома ва назорати рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома

Фармоишгарони давлатии Барнома Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошаид.

Барнома аз тарафи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии низоми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгохи миллии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Чумхурии Точикистон амалӣ карда мешавад.

Назорати татбиқи Барнома ба зиммаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад. Рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома, арзёбии самаранокии амалиётҳо, ки барои муваффақ гардидан ба мақсадҳо ва ба ҳалли вазифаҳои Барнома равона карда шудаанд ва пешниҳодҳоро оид ба беҳтар гардонидани назорат ҷиҳати татбиқи Барнома Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамоянд.

Ҷамъоварӣ, ҷамъбаст ва арзёбии маълумотҳо ва омода намудапи ҳисоботро оид ба иҷрои чорабиниҳои Барнома сохторҳои дахлдори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дигар, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои дигари таҳсилоти олӣ , Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд.

**6. Нақшаи**
**чорабиниҳо оид ба татбиқи Б**арномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии
Ҷумхурии **Тоҷикистон** барои солҳои 2010-2015

| | Чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Мӯҳлат, сол |
|---|---|---|---|
| | 2 | 3 | 4 |
| | Таҳияи лоиҳаву барномаҳои муштараки мақсаднок аз рӯи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат | Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ | ҳар сол, ноябр |
| | Омода ва ба вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо пешниҳод намудани коркардҳое, ки якҷоя олимон ва мутахассисони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои истифодаи амалӣ дар соҳаи иқтисод, маориф ва **фарҳанг** иҷро намудаанд | Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ | ҳар сол |
| | Ташкил намудани корҳо оид ба гузаронидани таҳқиқоти муштараки илмӣ аз тарафи олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар Маркази байналмилалии илмӣ-таҳқиқотии «Помир-Чақалтой», ва Расадхонаи байналмилалии Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Помир» | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2010-2015 |
| | Тартиб додани нақшаи дурнамои гузаронидани конференсияҳои муштараки илмӣ, симпозиум, семинарҳои илмию амалӣ, аз он ҷумла байналмилалӣ доир ба масъалаҳои муҳими рушди маориф, илм ва фаъолияти инноватсионӣ ва ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход намудани он | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазо-рати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои | 2010,сентябр 2013,сентябр |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | дигар, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | |
| | Тартиб додани нақшаи дурнамои нашри монографияҳо, маҷмуаи мақолаҳо ва асарҳои дигари илмӣ, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқотӣ аз руи самтҳои муҳимтарини илмӣ анҷомдодаи олимони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисахои таҳсилоти олӣ чамъбаст карда шудаанд | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Точикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дигар, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 2010,декабрь 2013, декабрь |
| | Омода кардани пешниҳод оид ба таъсиси бахшҳои кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва муассисаҳои дигари илмӣ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2010, май 2013, май |
| | Омода кардани пешниҳод оид ба таъсиси маҷмуа ва марказҳои илмию таълимӣ, марказҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, марказҳои инноватсионӣ, ассотсиатсияҳои илмию таълимӣ ва технологӣ | Академияи илмхои Ҷумҳурии Точикистон, Академияи илмхои кишоварзии Точикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Точикистон, вазорату идорахои дигар, Донишгохи миллии Точикистон | 2010, май 2013, май |
| | Тартиб додани нақшаи гузаронидани олимпиадаҳо, озмунҳои донишҷуён, аспирантҳо, олимон ва омузгорони ҷавон | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идорахои дигар, Донишгохи миллии Точикистон | 2013, ноябр |
| | Тартиб додани нақшаи дурнамои таҳия ва нашри китобхои | Академияи илмҳои Ҷумҳурии | 2010, июн |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки муаллифони онхо олимони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва кормандони илмию омузгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравaнд | Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзин Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Чумхурии Точикистон | 2013 июн |
| | Омода кардани пешниҳод оид ба гузаронидани чорабиниҳои муштарак бахшида ба 60-солагии таъсиси Академиям илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 2010, ноябр |
| | Такмили шабакаи муттаҳидаи компютерии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат дар асоси истифодаи технологияҳои оптикию нахӣ | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Ассотсиатсияи тоҷикистонии истифодабарандагони шабакаҳои компютерии академики, таҳқиқотӣ ва таҳсилоти (ТАҚЕNА) | 2010-2013 |
| | Таъсиси бонки ягонаи маълумот ОВД ба фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Ассотсиатсияи точикистонии истифодабарандагони шабакаҳои компютерии академикӣ, таҳқиқотӣ ва тахсилотӣ (ТАҚЕNА) | 2011-2015 |